**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қ. Х.**

**«__8__» ___12___ соли 2020**

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи "Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият" дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар давраи таҳияи диссертатсия аспирант Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси ассистент ва аз соли 2019 ба ҳайси муаллими калон фаъолият менамояд.

Пайвандов Хайриддин Боймуродович соли 2013 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 23-уми октиябри соли 2019, тахти №3894 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарипов Амриддин Нуриддинович мебошад.

Мушовири илмӣ – доктори илмҳои таърих, устоди кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Олимов Музаффар Абдуваққосович мебошад.

**Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Дар замони муосири давлатҳои ҷаҳон ҳамчун субъектҳои фаъоли муносибатҳои байналмилалӣ баромад намуда, ҳамкориҳои судмандро дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба ба роҳ мемонанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар пайравӣ аз Консепсияи сиёсати хориҷӣ муносибатҳои гуногунҷанбаро бо тамоми давлатҳо дастгирӣ менамояд. Дар ин миён, кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, махсусан Малайзия, Индонезия ва Сингапур бо дарназардошти пешрафти соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, дастовардҳои илму техника, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва хизматрасонӣ дар маркази таваҷҷӯҳи рӯзафзуни кишварҳои рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистон қарор доранд.

**Мубрамияти таҳқиқот дар омилҳои зерин инъикос мегарданд:**

- дар замони муосир Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамчун минтақаи рушдёбанда ва маркази нави фанноварии ҷаҳон эътироф гардида, омӯзиши ҳамкориҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтқа аҳамияти хосса дорад. Дар сатҳи илмӣ таҳқиқ ва муайянсозии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, геополитикӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, амниятӣ, нуфуз, дастовард ва моделҳои муваффақи рушд ногузир буда, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асри XXI арзёбӣ мегардад. Ҷанбаи муҳим ва хусусияти хоси минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар суръати баланди афзоиши макроиқтисодӣ инъикос ёфта, мафҳуми таърихӣ ва геополитикии “Шимоли сарватманд ва Ҷануби қашшоқ” - ро дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ тағийр додааст;
- моделҳои рушди иқтисодии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамчун дастоварди беназир ва омӯзанда дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардидаанд, ки ба ин натиҷаҳо, дар асоси истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта, саноаткунонӣ, воридотивазнамоӣ ва бозсодиротии иқтисодиёт ноил шудаанд. Дар ин самт, хусусияти моделҳои муваффақи кишварҳои минтақа ва дарёфти зарфиятҳои хос ҷиҳати татбиқи

онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифт;

- рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри XX оғоз гардида, дар асри XXI таҳаввулотҳои назаррас миёни ҷонибҳо ба миён омад. Имрӯз вобаста ба таваҷҷӯҳи Ҳукумати Тоҷикистон ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, пеш аз ҳама ба Малайзия, Индонезия ва Сингапур бо дарназардошти дастовардҳои илму маориф, низоми идоракунии давлатӣ, бонкдорӣ, истифодаи мақсадноки захираҳо, таҷрибаи мадели рушди иқтисод ва сармоягузорӣ таҳқиқ мегардад;

- муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар қаринаи татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷкистон барои давраи то соли 2030 мавриди пожӯҳиш қарор гирифта шуд. Омӯзиши зарфиятҳои рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ, мушкилотҳои мавҷудаи байниминтақавӣ ва роҳҳои тавсеаёбии муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои авлавиятнок диққати махсус дода шуд. Дар шароити имрӯзаи инкишофи иқтисодӣ ва саноаткунонии Тоҷикистон рушди робитаҳои манфиатбор бо кишварҳои муваффақи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷиҳати истифодаи таҷриба, дастоварда ва имкониятҳо мувофиқи мақсад ва ниёз ба тавсеаёбӣ аст.

- ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур вобаста ба имкониятҳо, захираҳо ва раванди муоисири ҷаҳонишавӣ дар сатҳи он қадар баланд қарор надошта, мушкилотҳои зиёдро доро мебошанд. Вобаста ба захираҳо ва имкониятҳои бойи табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва наздикшавӣ ба кишварҳои муваффақ ба мисли Малайзия, Индонезия ва Сингапур барои татбиқи сратегияи миллии рушд мувофиқи мақсад хоҳад буд;

- дурнамои рушди муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси нишондодҳои иқтисодӣ, дастовардҳои тиҷоратӣ, табодули

технологияи муосир, ҳавасмандии ҷонибҳо ба захираҳои якдигар ташаккул хоҳад ёфт. Дар ин миён, заминаҳои шартномавӣ-ҳуқуқӣ миёни давлатҳо имкониятҳои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои судмандро ба вуҷуд оварда, роҳҳои татбиқи таҷрибаи моделҳои муваффақи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дурнамои тавсеаёбии муносибатҳои Тоҷикистонро бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур муайян менмаояд. Вобаста ба густариши соҳаҳои гидроэнергетика, сайёҳӣ-хизматрасонӣ, канданиҳои фоиданок, саноати кӯҳӣ, муҳайё сохтани шароити сармоягузории хориҷӣ дар қаринаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ рушди робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи минтақа мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар кори таҳқиқотии Пайвандов Хайриддин Боймуродович кушиши таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, махсусан бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар даврони истиқлолият анҷом дода шудааст ва муаллиф тавонистааст, ки ҳадаф ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо иҷро намояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф усулҳои таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, равиши системавӣ, сохторӣ, таҳлили донишҳои эмпирикӣ, тавсиф, мушоҳида ва муқоиса истифода намудааст. Дар асоси усули таърихӣ-муқоисавӣ марҳилаҳои асосии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ таҳлил гардида, раванди ташаккулёбии ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои алоҳидаи минтақа вобаста ба сатҳи муносибатҳо баҳогузорӣ ва муқоиса гардиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он инъикос меёбад, ки таҳқиқоти мазкур кушиши аввалин дар самти муайян намудани сатҳу сифати ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва самтҳои афзалиятноки робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур ба ҳисоб меравад.

**Асоси сарчашмавии таҳқиқотро** суханрониҳо, баромадҳо ва паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, қонунҳо, консепсияҳо,

эъломияҳо, протоколи вохӯриҳои дуҷониба, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, маълумотҳои расмии интишоршуда дар маҷмуаҳои махсуси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои расмӣ, маводи бойгониҳои ҷорӣ ва рӯзномаҳои даврӣ ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро метавон барои дипломатҳо, иқтисодчиён, таърихнигорон, ҷомеашиносон ва ҳамаи онҳое, ки машғули таҳқиқи муносибатҳои гуногунсоҳаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, инчунин баҳри татбиқи фаъолияти пурсамари сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷиҳати самаранокии кори онҳо тавсия карда мешавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки хулоса ва тавсияҳои муаллиф, махсусан вобаста ба монеаҳо ва дурнамои рушди ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо кишварҳои ОҶШ метавонад дар фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун роҳҳои татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд. Ҳамзамон, таҳқиқоти илмӣ дар таҳияи нақшаи рушди муносибатҳои мутақобилаи дипломатӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-маорифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Малайзия, Индонезия ва Сингапур дар марҳилаи муосир метавонад қобили истифода гардад.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда, ба хулосае омадааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият ба тавсеаи алоқаҳои мутақобилан судманд бо давлатҳои алоҳида ва татбиқи манфиатҳои миллӣ дар минтақаҳои гуногун таваҷҷӯҳ дошта, тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур метавонад ба рушди иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Мавод ва усулҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ истифодашуда ба ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мутобиқат менамоянд. Вобаста ба натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва тасдиқи расмӣ таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботҳои

Оинномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таҳияи диссертатсияҳои номзадӣ пешниҳод шудаанд, мутобиқат менамоянд.

Муҳтавои диссертатсия дар 5 мақолаи дар маҷалаҳои илмии тавсеашудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда, инъикос мегардад:

[1-М]. Пайвандов Х.Б. Истикрори равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи ОҶШ дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур [Матн] / Х.Б. Пайвандов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2015, №2/6 (175). – С. 262-268.

[2-М]. Пайвандов Х.Б. Амсилаи рушди иқтисодии Сингапур ва истифодаи таҷрибаи он дар шароити Тоҷикистон [Матн] / Х.Б. Пайвандов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– Душанбе: 2015, №3/4 (170). - С. 198 - 202.

[3-М]. Пайвандов Х.Б. Амсилаи рушди иқтисодии Малайзия ва истифодаи таҷрибаи он дар шароити Тоҷикистон [Матн] / Х.Б. Пайвандов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2016, №3/3 (202). - С.74-78.

[4-М]. Пайвандов Х.Б. Ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои пешрафтаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (1991-2018) [Матн] / Х.Б. Пайвандов // Ахбори ИФСҲ АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018, №2. - С. 23-29.

[5-М]. Пайвандов Х.Б. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – минтақаи рушдёбанда [Матн] / Х.Б. Пайвандов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: 2019, №9. - С. 136-144.

Бинобар ин диссертатсияи пешниҳодшудаи Пайвандов Хайриддин Боймуродович таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва пурра анҷомёфта мебошад. Аспирант вазифаҳои гузошташударо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷро намудааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият” аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) ба шумор рафта, ба талаботи пешбинигардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Пайвандов Хайриддин Боймуродович дар мавзӯи “Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (дар мисоли Малайзия, Индонезия ва Сингапур) дар даврони истиқлолият” ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) тавсия карда мешавад.

Хулоса ва қарор дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа 11 нафар иштирок намуданд.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: “тарафдор” – 11 нафар; “бетараф” – нест, “зид” – нест.

Протоколи №3 аз 27-уми ноябри соли 2020.

**Мудири кафедраи**
**минтақашиносии хориҷӣ,**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Ф. М. Розиқов**

**Котиб, ассистенти кафедраи**
**минтақашиносии хориҷӣ** **С. С. Шарипов**

**Имзои Розиқов Ф. М. ва Шарипов С. С. - ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Э. Ш. Тавқиев**